«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент
_______________Ҳошимзода Ҳ.Ҳ.
«____» ________________ соли 2025

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Ализода Исмоил Исмон дар мавзуи «Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ва ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Ализода Исмоил Исмон дар мавзуи «Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» пажӯҳиши илмии мукаммал ва анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф дар сатҳи баланди илмӣ таҳия карда шудааст ва мавзуи мазкур масъалаи мубрами илми назарияи давлат ва ҳуқуқро ташкил менамояд.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсияи Ализода Исмоил Исмон ба шиносномаи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, мутобиқат менамояд.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаҳои илмӣ бо арзёбӣ ва аҳаммияти он.**

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, яке аз масъалаҳои мубрам ва баҳсноки фазои илми назарияи давлат ва ҳуқуқро ташкил менамояд, ки барои фазои илми ҳуқуқшиносии ҷумҳурӣ таҳқиқоти нав маҳсуб

мешавад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дорои аҳаммияти назарраси илмӣ ва амалӣ мебошад.

Мубрамияти таҳқиқи масъалаи мазкур ҳамзамон дар он ифода меёбад, ки маҳз дар натиҷаи мавҷудият ва амалисозии функсияҳои он институти ҷавобгарии ҳуқуқӣ мукаммал мегардад. Заминаи асосӣ ва муҳими ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ки ба самаранокии татбиқи он мусоидат менамоянд, инҳо принисипҳо, мақсадҳо ва функсияҳои ҷавобграии ҳуқуқӣ ба ҳисоб мераванд.

Дар раванди амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мақсадҳои ҷавобгарӣ низ мавриди иҷроиш қарор мегиранд, зеро байни онҳо робитаи зич ҷой дорад. Маҳз вобастагии амалисозии мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз функсияҳои ҷавобгарӣ аҳаммияти таҳқиқоти масъалаи баррасишавандаро нишон медиҳад.

Ҳарчанд дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ба масъалаи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ таваҷҷуҳи маҳдуд зоҳир гардида бошад ҳам, ҳануз масъалаҳои ҳалталаб дар ин самт боқӣ мондаанд. Як қатор паҳлуҳои илмӣ ва амалии марбут ба функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо таҳқиқоти алоҳидаи илмиро тақозо менамояд. Аз ҷумла, масъалаи муқаррарнамоии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар баробари мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар қонунгузории амалкунанда, шаклҳои нав ва самарабахши амалисозии функсияҳо ва монанди инҳо. Бинобар ин, омӯзиши маҷмуии масъалаи баррасишаванда аз аҳаммияти калони назариявию амалӣ бархӯрдор мебошад.

Амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва дар сатҳи зарурӣ дар амал татбиқ намудани онҳо ба сатҳу сифати қонунҳо ва иҷроиши онҳо вобастагии зиёд дорад. Дар ин хусус, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳор намуданд: «Таҳкими қонунияту тартиботи ҳуқуқӣ, пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва таъмини волоияти қонун

яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҳукумати Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Чунки пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти кишвар ба суботу оромии ҷомеа ва таъмини волоияти қонун вобастагии бевосита дорад». Аз таваҷҷуҳи Пешвои миллат бори дигар мушоҳида кардан мумкин аст, ки масъалаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб рафта, омӯзиш ва таҳқиқи функсияҳо ва шаклҳои амалисозии он мубрамияти онро дучанд меафзояд (саҳифаи 6).

Дар ҳақиқат, масоили функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва амалишавии онҳо дар доираи ғояҳои илмӣ яке аз мавзуҳои мубрами баҳсӣ ба ҳисоб рафта, бинобар сабаби муҳиммияти он дар интишоротҳои илмиву таълимии самти назарияи давлат ва ҳуқуқ яке аз қисматҳо ба ин масоил бахшида мешаванд.

Ҳамзамон, таҳқиқоти диссертатсионӣ имконият фароҳам меоварад, ки масъалаҳои вобаста ба мафҳум, хусусият ва таснифаи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар фазои илмии ватананӣ навгонии муайянеро ба бор оварад.

Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ унвонҷӯ тавонистааст, ки шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро бо сабку усулҳои хос бо тартиб мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Диссертант дар партави таҳқиқот оид ба амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба масъалаҳои мафҳуми шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, шаклҳои ихтиёрӣ ва маҷбурии амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, амалисозии функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ, амалисозии функсияи ҷаримавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ, амалисозии функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ҳамчун шакли амалисозии функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ, амалисозии функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ бештар диққат додааст.

Таҳлилу омӯзиши диссертатсия нишон медиҳад, ки довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ вобаста ба функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва

шаклҳои амалисозии онҳо саҳми худро гузошта, инчунин барои ҳалли масъалаҳои амалии ҷойдошта тавсияҳои мушаххасро пешниҳод намудааст. Дар баробари ин, дар таҳқиқот масъалаҳои илмиеро баррасӣ намудааст, ки ҳалли онҳо барои рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ, такмили қонунгузорӣ ва татбиқи дурусти қонунгузорӣ замина фароҳам меоварад. Аз ҷумла:

1. Мафҳум ва моҳияти функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар адабиёт ба таври мухталиф дода шудааст. Аммо, ҷавҳари умумии онҳо ин таъсиррасонӣ ба субъектони муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад. Тавассути функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ амалӣ карда мешаванд. Моҳияти мафҳуми функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ифодакунандаи раванди таъсиррасонӣ мебошад, ки аз самтҳои алоҳида иборат буда, ба рафтору фаъолият ва муносибатҳои субъекти ҳуқуқ нигаронида шудааст.

Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорои чунин махсусиятҳо мебошанд: маҷмуи самтҳои муҳимми таъсиррасониро таркиб медиҳанд; таъсиррасонанда ба рафтору шуур, фаъолият ва муносибатҳои барандагони ҳуқуқ мебошанд; барои тамоми намудҳои ҷавобгарӣ хос мебошанд; мақсаду моҳияти иҷтимоии ҷавобгарии ҳуқуқиро ошкор мекунанд; тавассути функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ амалӣ карда мешаванд.

2. Натиҷаи таҳқиқот нишон медиҳанд, ки асосҳои таснифбандии функсияҳои чавобгарии ҳуқуқӣ мухталиф буда, дар ин хусус, андешаҳои гуногун ҷой доранд, аммо нуқтаи умумии онҳо ба мақсади ҷавобгарии ҳуқуқӣ ишора менамоянд. Агар функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро бо мақсадҳои он муқоиса намоем, маълум мешавад, ки байни онҳо таносуби муайян вуҷуд дорад. Дар умум, чунин намудҳои функсияҳои ҷавобгариро зикр кардан мумкин аст: сазодиҳӣ, ҷаримавӣ, пешгирӣ, ҷубронсозӣ, тарбиявӣ. Функсияҳои мазкур дар робита ба намудҳои алоҳидаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба таври мухталиф амалӣ гардида, шаклҳои

амалисозии онҳоро, чи дар шакли ихтиёрӣ ва чи дар шакли маҷбурӣ, қонунгузории кишвар муқаррар кардааст.

3. Моҳияти функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар он ифода мегардад, ки тибқи имконияти фароҳамовардаи қонунгузорӣ шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ субъективӣ интихоб карда шаванд, ки дар муносибатҳои ҳуқуқии дахлдор риоя, истифода, иҷро ва татбиқи ҷавобгарии шахсро дар бар мегиранд. Иҷрои ҷавобгарии ҳуқуқӣ шаклҳои ихтиёрӣ ва маҷбуриро пайдо мекунад. Истифода, риоя, иҷро ва татбиқ чор шакли баробар ва муҳимми амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошанд. Ҳар яке аз онҳо ҳатман дар баробари дигар мавҷуд мебошанд. Амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз намуди ҷавобгарӣ низ вобастагӣ дорад. Дар робита ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ва маъмурӣ амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бештар хусусияти маҷбурӣ мегирад. Аммо, ба намуди ҷавобгарии ҳуқуқии маданӣ ва интизомӣ, ҳам шакли ихтиёрӣ ва ҳам шакли маҷбурӣ хос мебошанд.

4. Дар натиҷаи таҳқиқи масъала муайян гардид, ки амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорои шаклҳои худ мебошад. Аслан, аз ҳама шаклҳои маъмули амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин шакли ихтиёрӣ ва шакли маҷбурӣ ба ҳисоб меравад. Аксари муҳаққиқон низ чунин мешуморанд, ки шакли бартаридошта ва ҳатто ягона шакли амалисозии функсияҳои ҷавобгарӣ шакли маҷбурии он мебошад. Амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба намуди ҷавобгарӣ низ вобастагӣ дорад, зеро ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорои намудҳои мухталиф мебошад. Бояд гуфт, ки татбиқи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ вобаста ба намудҳои алоҳидаи ҷавобгарӣ шакли муайяни амалисозиро касб менамояд. Масалан, дар намуди ҷавобгарии ҳуқуқии маданӣ ва интизомӣ шакли ихтиёрӣ ва ҳам шакли маҷбурӣ хос мебошанд.

5. Функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ самтҳои таъсиррасонии меъёрҳои ҳуқуқӣ ба субъектони ҳуқуқвайронкунӣ мебошад, ки дар

маҳрум сохтан ва маҳдуд кардани шахс асос меёбад. Дар натиҷаи таҳлилҳо муайян карда шуд, ки функсияи сазодиҳӣ яке аз функсияҳои муҳими ҷавобгарии ҳуқуқӣ буда, дар татбиқи мақсадҳои он нақши ҳалкунанда дорад. Мафҳуми сазо ҳарчанд дар адабиёти ҳуқуқӣ ба таври мухталиф пешниҳод гардида бошад ҳам, истифодаи мафҳуми сазодиҳӣ қобили қабул мебошад.

Функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ хоси ҳамаи шаклҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад, вале таъсири он бештар дар ҷавобгарии ҷиноятӣ ва маъмурӣ равшантар ифода меёбад. Ҳар як ҷазо ва ё чораи ҳуқуқии татбиқшаванда бояд дорои сазои муайян бошад, вагарна мақсадҳои ҷазо амалӣ карда намешаванд. Сазо қисми асосӣ ва таркиботи муҳимми ҳар як ҷазоро ташкил дода, маҳз вобаста ба он низоми ҷазоҳо бояд ташкил карда шаванд.

6. Функсияи ҷаримавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ, дар навбати худ, дар амалисозии дигар функсияҳо, аз ҷумла, тарбиявӣ, пешгирӣ ва сазодиҳӣ ёрӣ мерасонад. Зеро татбиқи ҷарима ба ҳуқуқвайронкунанда метавонад ба шуури шахс таъсир расонида, шахс онро ҳамчун сазои амали зиддиҳуқуқии худ ҳисобад ва минбаъд ислоҳ шуда, аз содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ даст кашад. Ҷарима ситонидан маблағе мебошад, ки дар доираи талаботи пешбининамудаи қонунгузорӣ таъин карда мешавад. Бо ин назардошт, яке аз воситаҳои амалисозии шакли маҷбурии функсияи ҷаримавӣ сазо ба ҳисоб меравад. Ин сазоест, ки ҳудуди онро қонунгузорӣ муқаррар кардааст ва бо дараҷаи вазнинии кирдори содиршуда муайян карда мешавад. Чораи мазкури ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорои хусусияти молумулкӣ буда, бо тартиби хос муқаррар ва иҷро карда мешавад.

7. Амалисозии функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ дар амал талофӣ намудани ҷуброни зарар аз кирдори мушаххаси зиддиҳуқуқӣ шахс, ҷамъият ва давлат расидаро дар назар дорад, ки дар ду шакл: ихтиёрӣ ва маҷбурӣ ба роҳ монда мешавад.

Қонунгузорӣ шаклҳо, тартиб ва тарзҳои ҷубронсозиро муқаррар кардааст. Ҷубронсозӣ мафҳуми умумӣ буда, вобаста ба навъҳои зарар тағйир намеёбад. Яъне, тибқи қонунгузорӣ барои зарари маънавӣ ҷуброни зарари маънавӣ ва барои зарари моддӣ ҷуброни зарари моддӣ муқаррар шудааст, вале дар хар ду ҳолат ҷубронсозӣ дар шакли моддӣ (пулӣ) сурат мегирад.

8. Функсияи пешгирии ҷавобгарӣ аз ҷумлаи функсияҳои муҳим ба ҳисоб рафта, самти таъсиррасонии меъёрҳои ҳуқуқӣ ба рафтори субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки барои пешгирӣ ва маҳдуд намудани имкониятҳои воқеии содир намудани кирдорҳои зиддиҷамъиятӣ ва ҳуқуқвайронкунӣ равона гардидааст. Функсияи пешгирӣ ҳамчун яке аз шаклҳои амалисозии функсияи ҷавобгарӣ дорои сохтори мураккаб буда, он аз объекти таъсиррасонӣ, субъекти таъсиррасонӣ, тарзҳои таъсиррасонӣ ва асосҳои таъсиррасонӣ иборат мебошад. Амалӣ намудани функсияи мазкур дар алоҳидагӣ самаранок намебошад, балки дар якҷоягӣ бо дигар функсияҳо амалӣ мегардад. Албатта, тамоми функсияҳои дигар хусусияти пешгирӣ доранд, вале функсияи мазкур маҳз баҳри таъсир расонидан ба субъектон қабл аз ҳуқуқвайронкунӣ ва пас аз он муайян гардида, дар қонунгузорӣ муқаррар шудааст.

9. Яке аз функсияҳои муҳими ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ки дар ҳама намудҳои ҷавобгарӣ ба мушоҳида мерасад функсияи тарбиявӣ маҳсуб ёфта, дорои шаклҳои муайяни амалисозӣ мебошад. Дар ҷараёни татбиқи ҷавобгарии маданӣ он дар иҷрои уҳдадориҳои тарафайн аксаран дар шакли ихтиёрӣ амалӣ карда мешавад. Функсияи тарбиявии ҷавобгарии маъмурӣ дар татбиқи ҷазои маъмурӣ ва таъсиррасонии идоракунию ҳокимиятӣ ифода меёбад. Функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, шакли ихтиёрӣ дошта, дар ҳолатҳои вайрон кардани муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ низ унсурҳои маҷбуриро пайдо мекунад.

Диссертант ҷиҳати такмили қонунгузорӣ пешниҳодҳои амалӣ манзур намуда, барои истифодаи натиҷаҳои асосии таҳқиқот тавсияҳои амалӣ пешниҳод кардааст, ки онҳо аз ҷиҳати илмӣ, қонунгузорӣ ва амалӣ асоснок мебошанд.

Муаллифи диссертатсия иброз менамояд, ки таҳлилу баррасии функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ҳуқуқи маъмурӣ низ аз аҳаммияти илмию амалӣ бархӯрдор мебошад. Ҳамин тавр, дар қонунгузории маъмурӣ дар қатори принсипҳо ва асоси ҷавобгарии маъмурӣ мафҳуми мақсади ҷавобгарии маъмурӣ муқаррар карда нашудааст. Хуб мешуд, ки дар м. 22[1] Кодекси ҳуқуқвайронкуни маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми мақсади ҷавобгарии маъмурӣ нишон дода шавад (саҳифаи 87).

Ҳамзамон, аз ҷониби муаллиф зикр мегардад, ки ҷинояткории ноболиғон нисбат ба дигар намуди ҷинояткорӣ ташвишовар мебошад. Бинобар ин, тамоми сохторҳои ҷомеаро мебояд, ки дар пешгирии ҷинояткории ноболиғон саҳмгузор бошанд. Вобаста ба ин, бо мақсади ҷалби тамоми субъектон дар пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ба мақсад мувофиқ мебуд, ки «Стратегия пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон ва ҷавонон» қабул карда шавад (саҳифаи 130). Дар ин маврид, муаллифи диссертатсия ба таври ояндабинона масъалаи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро баррасӣ намудааст, ки воқеияти имрӯзаи рушди соҳаҳои ҳаётан муҳим, маҳз дар заминаи ҳадафҳои таҳризишуда дар доираи консепсияҳо, барномаҳо ва стратегияҳои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат амалӣ шуда истодаанд.

Унвонҷӯ таъкид менамояд, ки функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар меъёре мавҷуд аст, ки чунин ҷавобгариро барои вайрон кардани ухдадориҳо ва меъёрҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ менамояд. Хусусияти функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар он аст, ки иҷрои он ҳамеша ба шахси ҳуқуқвайронкуниро содирнамуда таъсир мерасонад. Аслан, самаранок намудани функсияи сазодиҳӣ ба андозаи амалигардӣ ва ногузирии ҷавобгарии ҳуқуқӣ алоқаманд аст. Ба ибораи дигар,

самаранокии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба ҳатмӣ будани татбиқи ҷавобгарӣ ва ҷазои ҳуқуқӣ нисбати шахсони гунаҳкор ва вайронкунандаи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд вобастагӣ дорад. Субъекти функсияи сазодиҳӣ мебошад, ки ҳуқуқ ва вазифааш ҷазо додани вайронкунандаи муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад. Бо далели он ки ҷазо хусусияти сазодиҳӣ дорад, ба шуур ва рафтори инсон таъсир мерасонад, ба мақсад мувофиқ аст, ки дар қ. 2 м. 46 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон сазодиҳӣ ҳамчун унсури мақсади ҷазо илова карда шавад (саҳифаи 48).

Ба андешаи муаллиф дар ҳуқуқи ҷиноятӣ функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳангоми татбиқи ҷазоҳои ҷиноятӣ амалӣ карда мешаванд. Ҳамзамон, истифодаи ҷазо дар қонунгузории ҷиноятӣ қобили қабул мебошад. Аммо, дар ҳуқуқи меҳнатӣ истифодаи мафҳуми «ҷазо» дуруст ба назар намерасад. Зеро ҷазо хоси муносибатҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ буда, дар муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бештар огоҳию уҳдадориҳо ва иҷрои вазифаҳо меистанд. Бо ин назардошт, пешниҳод карда мешавад, ки дар м. 62 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳи «ҷазои интизомӣ» ба «муҷозоти интизомӣ» иваз карда шавад (саҳифаи 42).

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброни зарарро дар м. 22 ва товони зарарро дар м. 32 пешбинӣ намудааст. Дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми «товон» чандин маротиба (м.м. 16, 455, 572, 836, 1224, 1225, 1226) ва ибораи «ҷуброн» бошад, васеъ истифода гардидааст. Дар м.м. 14, 15 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳи «ҷуброни зиён» истифода шудааст.

Дар м.м. 1117, 1195, 1197, 1208, 1210-1221, 1223 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳи «ҷуброни зарар» истифода гаштааст. Пешниҳод карда мешавад, ки дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳоти «ҷуброни зиён» ба «ҷуброни зарар» иваз карда шавад. Бо асос гирифтани он ки мафҳуми ҷуброн, товон, талофӣ, зарар, зиён, хисорот дар қонунгузорӣ ба таври омехта муқаррар шудааст, беҳтар

мешуморем, ки дар қонунгузории соҳавӣ ягонакунии мафҳумҳои ҳуқуқии мазкур ба роҳ монда шавад (саҳифаи 105).

Довталаб ба хулоса омадааст, дар натиҷаи таҳқиқи масъалаи амалисозии функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1. Амалисозии функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ – ин тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ дар амал татбиқ намудани функсияи ҷубронсозӣ, яъне ба амал баровардани ҷубронсозиро ҳамчун шакли ҷавобгарии ҳуқуқӣ ифода намуда, дар ду шакл: ихтиёрӣ ва маҷбурӣ ба роҳ монда мешавад.

2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба амалисозии функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ меъёрҳои зиёд пешбинӣ намуда, шаклҳо, тартиб ва тарзҳои ҷубронсозиро муқаррар кардаанд.

3. Ҷубронсозӣ мафҳуми умумӣ буда, вобаста ба навъҳои зарар тағйир намеёбад. Яъне, тибқи қонунгузорӣ, ҳам барои зарари моддӣ ва ҳам барои зарари маънавӣ ҷубронсозӣ дар шакли моддӣ (пулӣ) сурат мегирад (саҳифаҳои 114-115).

Диссертант зикр менамояд, ки функсияи тарбиявии ҷавобгарии маданӣ ҷузъи функсияи тарбиявии ҳуқуқ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар маҷмуъ буда, дар ҳоле ки он хусусиятҳои предмет ва вазифаҳои ҳуқуқи маданиро инъикос менамояд.

Алоқамандии функсияи тарбиявиро бо дигар функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ баръало мушоҳида кардан мумкин аст. Мутобиқати функсияи сазодиҳӣ ба меъёрҳои қонуният барои амалисозии самараноки функсияи тарбиявӣ замина фароҳам меорад (саҳифаи 147).

Ба андешаи муаллифи диссертатсия дар натиҷаи таҳқиқи масъалаи функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст, ки функсияи тарбиявӣ дар ҳама шаклҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ татбиқ карда мешавад. Функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҷиноятӣ дар

татбиқи ҷазо, ҳолатҳои сабуккунанда, вазнинкунанда ва дигар чораҳои хусусияти тарбиявидошта ифода мегардад.

Функсияи тарбиявии ҷавобгарии маданӣ дар иҷрои уҳдадориҳои тарафайн бештар дар шакли ихтиёрӣ амалӣ карда мешавад. Функсияи тарбиявии ҷавобгарии маъмурӣ дар татбиқи ҷазои маъмурӣ ифода меёбад. Функсияи тарбиявии ҷавобгарии интизомӣ дар санадҳои муассисавӣ бештар инъикос гардида, дар амалигардонии муносибатҳои интизомӣ ифода мегардад. Шакли ихтиёрии амалисозии функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар шакли рафтори қонунӣ зоҳир мегардад, ки ба ислоҳи маҳкумшуда, барқарор намудани муносибатҳои иҷтимоии вайроншуда нигаронида шудааст (саҳифаи 147).

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Диссертатсияи ба ҳимоя пешниҳодшаванда аввалин таҳқиқоти мукаммали илмӣ оид ба функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо мебошад. Дар диссертатсия масъалаҳои вобаста ба функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо таҳқиқ гардида, масъалаҳои умдаи илмӣ-назариявӣ ва механизмҳои баамалбарории функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Муаллиф дар таҳқиқоти худ андешаҳои илман асоснокро оид ба мафҳум, намудҳо, махсусиятҳо ва шаклҳои муҳимми амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро пешниҳод кардааст, ки навгонии таҳқиқоти диссертатсияро ташкил медиҳад. Хулосаҳо ва нуктаҳои илмии таҳқиқот, ки ба ҳимоя манзур мегарданд, навгонии таҳқиқоти мазкур ва иҷро намудани вазифаҳои таҳқиқотро инъикос менамоянд, ки аз инҳо иборат мебошанд:

– аз ҷиҳати назариявӣ-ҳуқуқӣ мафҳум ва махусусиятҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, мафҳум ва

хусусиятҳои илман асоснокгардидаи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ манзур гардидааст;

– зимни таҳқиқот асосҳои таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ муайян карда шудаанд;

– мафҳуми шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ омӯхта шуда, аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудаанд;

– шаклҳои ихтиёрӣ ва маҷбурии шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ таҳлил гардида, махсусиятҳои онҳо вобаста ба намудҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ асоснок шудаанд;

– функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, махсусиятҳои он ҳамчун функсияи таъсирбахш муайян карда шудааст;

– шакли амалисозии функсияи ҷаримавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ таҳқиқ гардида, махсусусиятҳои он дар ҷавобгарии ҷиноятӣ, маъмурӣ ва маданӣ, тибқи қонунгузории кишвар муайян гардидааст;

– амалисозии функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, тарзҳои ҳифзи он тавассути намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, тибқи қонунгузории миллӣ муайян гардидааст;

– пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ҳамчун шакли амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ таҳлил гардида, асосҳои ҳуқуқӣ, субъектон ва чораҳои пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ муайян карда шудааст;

– амалисозии функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ баррасӣ гардида, махсусиятҳои он дар робита бо дигар намудҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ муайян карда шудааст.

Аз ҷониби диссертант Ализода Исмоил Исмон навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки дар боло зикр гардид, дар матни таҳқиқот пурра мавриди баррасӣ қарор гирифта,. нисбати ҳар кадоми онҳо дар заминаи зербоби диссертатсия хулосаҳои асоснок оварда шудааст. Ҳолатҳои болозикр ва нишондодҳои баланди таҳқиқоти диссертатсионии Ализода Исмоил Исмон

гувоҳи он аст, ки номбурда сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ мебошад.

**Дар баробари арзиши баланди илмии таҳқиқот, ки дар боло зикр гардид, инчунин дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ва норавшан вуҷуд доранд,** аз ҷумла:

1. Дар саҳифаҳои 45 диссертатсия унвонҷӯ ба яке аз масъалаҳои умдаи назарияи давлат ва ҳуқуқ таваҷҷуҳ намуда, ишора менамояд, ки функсияҳои ҷавобгарии маъмурӣ падидаи низомнок буда, маҷмуи пурраи функсияҳоро дар бар мегирад. Барои дақиқ намудани ғоя ва мавқеи муаллиф дар ин самт ва ба кадом консепсияи илмӣ такя намуда, ба чунин хулоса омаданро ба таври пурра шарҳ медод.

2. Унвонҷӯ дар саҳифаи 124 таҳқиқоти диссертатсионии худ зикр менамояд, ки фаъолияти пешгирии чораҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: чораҳои умумииҷтимоӣ ва махсус. Аз муаллифи диссертатсия пурсида мешавад, ки бо кадом маҳакхо чораҳои пешгириро ба ду гурӯҳ ҷудо кардааст. Ҳамзамон, таъсири таснифоти мазкур ба амалишавии функсияҳои ҷавобгарии хуқуқӣ то чӣ андоза метавонад муҳим арзёбӣ гардад.

3. Муаллифи дисерртатсия дар саҳифаи 132 иброз менамояд, ки функсияи пешгирисозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳуқуқӣ мавҷуд буда, дар шаклҳои ихтиёрӣ ва маҷбурӣ амалӣ карда мешавад. Аммо, дар минбаъда зикри ҷумлаҳо нисбат ба паҳлуҳои гуногуни дар шаклҳои ихтиёрӣ ва маҷбурӣ амалӣ гардонида шудани функсияи пешгирисозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ истода намегузарад. Бо назардошти ин аз унвонҷӯ пурсида мешавад, ки нисбат ба андешаи болозикри худ оид ба шаклҳои ихтиёрӣ ва маҷбурӣ амалӣ гардонида шудани функсияи пешгирисозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ҳимояи ошкорои диссертатсия ба таври мушаххас мавқеи худро ифода намояд.

**Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат менамояд.** Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқот, аз ҷумла мазмуни мухтасари бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ шудаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Ализода Исмоил Исмон ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

Диссертатсия мустақилона аз ҷониби муаллиф таҳия шуда, мазмуни ягонаи дохилӣ ва мантиқӣ дорад. Навгониҳои таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, таҳлили илмии қонунгузорӣ, пешниҳоди хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ, пешниҳоди маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияи илмии байналмилалию ҷумҳуриявӣ аз саҳми шахсии муаллиф шаҳодат медиҳанд.

Ҳамин тавр, таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба талаботи муқarrаргардида барои дарёфти дараҷаи илмӣ ҷавобгӯ буда, Ализода Исмоил Исмон сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

Тақриз дар асоси талаботи муқarrаргардида, махсусан бандҳои 76-79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст. Диссертатсия ва автореферат дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар ҷаласаи семинари илмӣ-назариявӣ иштирок доштанд: 25 нафар. Тарафдор – 26 нафар, зид – 0 нафар ва бетараф – 0 нафар. Суратҷаласаи семинари илмӣ-назариявӣ аз 10-уми январи соли 2025, №2.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Қодирзода Мирзоқодир Аюб, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, иҷрокунандаи вазифаи мудири

кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон омода карда шуда, дар маҷлиси ғайринавбатии кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст. Дар маҷлис иштирок доштанд: 18 нафар. Тарафдор – 17 нафар, зид – 0 нафар ва бетараф – 0 нафар. Суратҷаласаи кафедра аз 11-уми январи соли 2025, №6/2.

**Раиси семинари илмӣ-назариявӣ:**
дотсенти кафедраи назария ва
таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети
ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии
ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Кенҷаев Ш.Ю.

**Ташхисгар:** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, иҷрокунандаи вазифаи мудири
кафедраи назария ва таърихи давлат ва
ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Қодирзода М.А.

**Котиби ҷаласа:** муаллими калони
кафедраи назария ва таърихи давлат ва
ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Ҳасанов М.С.

Имзоҳои Кенҷаев Ш.Ю., Қодирзода М.А. ва
Ҳасанов М.С.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Бобоев А.Х.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, 735700, шаҳри Хуҷанд, микроноҳияи 17, бинои 1,
Тел:+992 (3422) 2-38-11; Факс:+992 (3422) 2-51-70.
Веб сайт: www.tsulbp.tj. Email: tsulbp@rambler.ru